**ТАҚРИЗ**
**ба автореферати диссертатсияи номзадии Нуров Сухроб Рустамович мавзӯи “Инъикоси таърихи нимаи дуюми асри XIX ва ибтодои асри XX - и ҳудудҳои Тоҷикистон дар осори О.Б.Боқиев” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1.5. Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ**

Дар марҳалаи муосири рушди давлатдории миллии тоҷикон, рӯ овардан ба шинохти холисонаи саҳифаҳои муҳимми таърихи ватанӣ ва арзёбии саҳми таърихнигорони барҷаста аз вазифаҳои аввалиндараҷаи илми таърих маҳсуб меёбад. Саҳифаҳои таърихи нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX, ки бо равандҳои мураккаби геополитикӣ, истилои Русияи подшоҳӣ ва дигаргуниҳои куллии сохторӣ дар минтақа алоқаманданд, ҳамеша дар меҳвари таваҷҷуҳи донишмандон қарор доштанд.

Диссертатсияи Нуров Суҳроб Рустамович ба таҳлили ҳаматарафаи мероси илмии яке аз саромадони илми таърихнигории миллии тоҷик, доктори илмҳои таърих, профессор Олуболу Боқиев (1934–1999) бахшида шудааст. Мубрамии мавзуъ дар он зоҳир мегардад, ки фаъолияти мақсаднок ва консепсияи илмии профессор О.Б. Боқиев доир ба инъикоси таърихи ҳудудҳои Тоҷикистон дар таърихнигории тоинқилобии рус то ҳанӯз ба таври алоҳида ва муназзам мавриди таҳқиқи диссертатсионӣ қарор нагирифта буд. Таҳқиқоти мазкур имкон медиҳад, ки на танҳо ҷойгоҳи олим дар илми ватанӣ муайян карда шавад, балки масоили нозуки иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва сиёсии он давр аз призмаи нигоҳи таърихнигории муқоисавӣ баррасӣ гардад.

Рисолаи Нуров С.Р. дар заминаи методологияи муосири илмӣ, аз ҷумла усулҳои объективияти илмӣ, таърихӣ-биографӣ, проблемавӣ-хронологӣ ва муқоисавию таърихӣ омода шудааст. Корбурди усули ретроспективӣ ва биографӣ ба муаллиф имкон додааст, ки раванди ташаккули касбӣ ва ҷаҳонбинии илмии профессор О.Б. Боқиевро дар

заминаи шароити таърихии давр амиқ пайгирӣ намояд. Пойгоҳи сарчашмашиносии кори илмӣ хеле васеъ ва эътимоднок мебошад. Довталаб маводи таҳқиқотро ба 6 гурӯҳи мушаххас тақсим намуда, дар баробари осори нашршудаи худи олим (зиёда аз 200 асар), маводди бойгониҳои давлатии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши АМИТ, ҳуҷҷатҳои бойгонии шахсии профессор О.Б. Боқиев ва матни суҳбатҳо бо ҳамкорону пайвандони ӯро бори аввал ба гардиши илмӣ ворид сохтааст.

Навгонии илмии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки Нуров С.Р. нахустин маротиба хулосаҳо ва консепсияҳои таърихнигории профессор О.Б. Боқиевро ҷамъбаст намуда, нақши ӯро дар омӯзиши сохтори маъмурӣ, вазъи иқтисодӣ (хусусан масъалаи мардикорӣ ва муҳоҷирати аҳолӣ) ва равандҳои истилои Тоҷикистони Шимолию Помир аз ҷониби Русияи подшоҳӣ мушаххас кардааст.

Сохтори рисола мантиқӣ ва босубот буда, аз муқаддима, се боб (шаш зербоб), хулоса ва рӯйхати манобеъ иборат аст ва дар ҳаҷми 177 саҳифаи матни компютерӣ нигошта шудааст, ки ба талаботи сохтории КОА ҶТ комилан мувофиқат мекунад. Боби якум вазъи сиёсӣ ва сохтори маъмурии минтақаҳоро дар осори олим нишон медиҳад. Боби дуюм ба таҳлили масоили мубрами ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ, аз ҷумла шаклҳои заминдорӣ (амлокӣ, мулкӣ, танҳо, вақф) ва вазъи саноату косибӣ бахшида шудааст. Боби сеюм раванди ҳарбӣ-сиёсии забти Тоҷикистони Шимолӣ ва ҳамроҳкунии Помири Ғарбиро аз дидгоҳи танқидии илмии О.Б. Боқиев бозтоб менамояд.

Хулосаҳои дар автореферат овардашуда эътимоднок буда, мақолаҳои илмии нашршудаи довталаб (6 мақола, аз ҷумла 4 адад дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КУА) натиҷаҳои таҳқиқотро ба таври амиқ инъикос мекунанд.

Диссертатсияи номзадии Нуров Суҳроб Рустамович дар мавзӯи "Инъикоси таърихи нимаи дуюми асри XIX ва ибтодои асри XX-и ҳудудҳои Тоҷикистон дар осори О.Б.Боқиев" тибқи талаботи ҷории Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардида, муаллифи он аз рӯи ихтисоси 6.1.5. Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ сазовори дарёфти унвони номзади илмҳои таърих мебошад.

**Доктори илмҳои таърих, профессори**
**кафедраи таърих ва диншиносии**
**Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ,**
**бизнес ва сиёсати Тоҷикистон** **Ҳомидзода Ф.М.**

**Суроға:** 735690, Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вилояти Суғд,
ноҳияи Бобоҷон Ғафуров, кучаи Ҷӯрабой Солиев 104.
Тел: (+992) 927889819.
E-mail: furkat.hamidov@mail.ru

**Имзои профессори кафедраи таърих ва диншиносии**
**ДДҲБСТ доктори илмҳои таърих, Ҳомидзода Ф.М.- ро**
**тасдиқ мекунам:**
**Сардори шӯъбаи кадрҳо**
**ва корҳои махсуси ДДҲБСТ** **Бобоев А.Х.**

ШӮЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

16.06.2026

Нишонӣ: 735717, ш. Хуҷанд. микрорайони 17, х.1
Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ,
бизнес ва сиёсати Тоҷикистон
Тел.: +992342223811
Факс: +992342225170
E-mail: tsulbp@rambler.ru